**Ба Шӯрои диссертатсиони 6D.КОА-059**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Тақризи**
**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзӯи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Мавзӯи диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло ба яке аз масъалаҳои мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ – мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ бахшида шудааст. Аспирант мавзӯро дар сатҳи хеле баланди илмӣ таҳлил намуда, натиҷаҳои ба дастовардааш барои такмили қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон судманд мебошад. Таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки ин ақидаҳо ва хулосаҳои илмӣ бори дигар бо дарназардошти мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ таҳлилу баррасӣ гардида, оид ба ҷанбаҳои гуногуни мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ мавқеи муаллиф муайян карда шуда, мафҳумҳои нави илмӣ аз ҷониби муаллиф мавриди коркард қарор гирифта, пешниҳод ва тавсияҳо баҳри такмили қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ равона мегарданд.

Афзалияти таҳқиқоти анҷомёфта дар он ифода меёбад, ки муаллифи диссертатсия на танҳо ба таҳлилҳои назариявӣ маҳдуд гардидааст, балки аз дастовардҳои амалия, аз ҷумла амалияи судӣ истифода бурдааст. Таҳлили амиқи илмӣ ва асосноксозии нуктаҳои илмӣ ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти муаллифи диссертатсия хуб анҷом дода шудааст.

Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни мусодираи молу мулк ташкил медиҳад.

Таваҷҷӯҳи олимони зиёд ба мавзӯи мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ аз мубрам будани он шаҳодат медиҳад. Мавзӯи диссертатсияи мазкур нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло бо мақсади таҳлили масъалаи мазкур равона гардидааст Диссертатсия дар доираи лоиҳаи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосири рушд) иҷро гардидааст.

Мақсади тадқиқоти диссертатсионии муаллиф аз он иборат аст, ки дар асоси таҳлили қонунгузорӣ, маводҳои судӣ, таҷрибаи иҷрои санадҳои судӣ, маводҳои таърихи ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва тадқиқоти мушаххаси сотсиологӣ паҳлуҳои мухталифи мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор

гирифта, дарёфти роҳҳои ҳал ва пешниҳоди тавсияву таклифҳоро оид ба мукаммал гардонидани қонунгузорӣ фаро гирифтааст. Бо дарназардошти мақсади мазкур дар диссертатсия вазифаҳои мушаххаси таҳқиқоти илмӣ гузошта шудаанд. Ҳамчунин, мувофиқи мақсад ва вазифаҳо сохти мантиқии таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ интихоб гардида, он имкон медиҳад, ки таҳқиқоти мантиқӣ ва муттасили илмӣ анҷом дода шавад.

Дар раванди таҳқиқот усулҳои умумиилмии фалсафӣ, аз ҷумла категорияи фалсафии «мақсад», «низом», «моҳият» тавассути усулҳои таҳқиқи диалектикӣ ва материалистӣ муайян карда шуд. Бо истифода аз усулҳо ва принсипҳои умумиилмӣ дар диссертатсия мафҳумҳои илмии «мафҳуми мусодираи молу мулк», «мақсади мусодираи молу мулк» ва «табиат ва моҳияти мусодираи молу мулк» таҳқиқ ва ошкор карда шуда, вобастагии муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба талаботҳои объективии ҳаёти ҷомеа нишон дода шудааст. Илова бар ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои илмии махсус, аз қабили таҳлили оморӣ ва сотсиологӣ истифода бурда шудааст.

Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳқиқоти хусусӣ: мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ-таркибӣ ва ғайра мавриди истифода қарор дода шуда, тавассути он ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии мавзӯи баррасишаванда ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мусодираи молу мулк бо дигар давлатҳои хориҷӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

Ҳамчунин навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки конструксияи қонунгузоронаи мусодираи молу мулк тағйир ёфта, ин ҷазо дар сатҳи тадқиқот ба ду мавқеият ҷудо гардидааст. Ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ ва ҳамчун чораи дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ. Навгонии аз ҷониби муаллиф пешниҳодгардида мафҳум, мақсад ва моҳияти мусодираи молу мулкро ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ фаро гирифтааст. Пешниҳод ва хулосаҳо оид ба тағйири қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, мафҳуми мусодираи молу мулкро дар сатҳои мухталиф такмил медиҳад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд, ки боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ гардад; дар амалия мусодираи молу мулк дуруст танзим карда шавад; ва натиҷаҳои аз амалия дарёфтшуда дар фаъолияти қонунгузорӣ, судҳо ва дигар мақомотҳо, инчунин иҷрочиёни суд истифода гардад. Маводҳои таҳқиқот дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин дар курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Асосҳои таъини ҷазо» истифодашаванда мебошанд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 21 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои мухталиф ва маҷмӯаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд, ки 10-тои онҳо мақолаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро бозгӯ менамояд. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ ироа гардидааст.

Муаллиф қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳлили ҳаматарафа ва танқидии нуктаҳои назари илмӣ, асоснок намудан ақида ва мавқеи хешро дорад. Ҳамаи ин имкон дод, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Зокирзода Зафар Хайрулло ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомдодаи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзӯи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ**
**ва муқовимат бо коррупсияи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шарипов Т.Ш.**

**Имзои Шарипов Т.Ш.-ро тасдиқ мекунам**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш**